# ТАНЗИМИ
# ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТҲОИ КОРРУПСИОНӢ
# ВА РАВАНДИ ТАФТИШОТИ ОН ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.

Ҳанӯз дар аҳди бостон калимаи «коррупсия» ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зараррасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод карда шуда, ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амал дастзада дар ҳамаи давру замонҳо аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд[1].

Истилоҳи «коррупсия» имрӯз дар қонунгузории тамоми давлатҳои ҷаҳон дида мешавад, зеро коррупсия дар муносибатҳои ҳуқуқии идоракунии давлатӣ аз ҷониби хизматчиёни он ба назар мерасад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки хавфи баланд доштани коррупсия, дар миқёси давлатҳои Иттиҳодияи Давлатҳои Мустақил яке аз аввалинҳо шуда, соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» – ро қабул карда буд.[2] Баъдан вобаста бо ба вуҷуд омадани зарурият ва мутобиқ сохтани қонунгузорӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия ба талаботи Эъломияи СММ дар бораи мубориза бар зидди коррупсия 25 – уми июли соли 2005, №100 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»[3] ва 7 августи соли 2020, №1714 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» қабул гардид.[4]

Бартараф намудани омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда дар тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пеш аз ҳама дар низоми мақомоти давлатӣ яке аз самтҳои асосии муқовимат бо коррупсия маҳсуб меёбад. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат бо коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд,

---

[1] Э.Раҳмон. Тоҷикистон: даҳ соли истиқлолият, ваҳдати миллат ва бунёдкорӣ. Ҷилди 3. Душанбе. 2003., с.587.
[2] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бо коррупсия" аз 10 декабри соли 1999, №12
[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бо коррупсия" аз 10 июли соли 2005, №100
[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат): 16.08.2020

манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва баҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои пешгирӣ ва ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

Инчунин, дигар санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқиро номбар намудан ба маврид аст, ки ҳамчун сарчашмаи мубориза бо коррупсия эътибори хоса доранд. Ҳамин тариқ, гуфтан ба маврид аст, ки сарчашмаҳои мубориза бо коррупсия, аз маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иборат буда, ҳамчун воситаи ташкил ва таъмини ҷараёни пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия мавриди истифода қарор дода мешавад.

Қонунгузории соҳаи коррупсия хусусияти маҷмуӣ дорад. Яъне асосҳои ҳуқуқии коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузориҳои ҷорӣ арзёбӣ гардидааст. Чунончӣ, барномаҳои давлатие ҳастанд, ки дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии давлат ва дар ин замина густариш бахшидан ба ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии шаҳрвандон нақши хоса мебозанд.

Чунончӣ, се маротиба қабул ва роҳандозӣ гардидани «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012», «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», кафолати ноил гардидан ба муборизаи дастаҷамъона зидди ин зуҳуроти номатлубро таъмин намуда, боиси аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани ташаккули сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо гардид»[5].

Дар қатори амалӣ намудани принсип ва ҳадафҳои сиёсати зиддикорупсионии давлат дар ин стратегияҳо такмили усул ва таҳияи чораҳои комплексии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва тарбиявӣ, ки ба пешгирии самаранок ва муассир ошкор ва бартараф кардани коррупсия равона гардиданд, ташкили муборизаи судманди он дар сатҳи баланди касбӣ арзёбӣ шудааст. Стратегияҳои мазкур ҳамчун ҳуҷҷати муҳими давлатӣ баҳри тақвияти мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ заминаи мустаҳкам гузошта, дар доираи он аксари масъалаҳо дар самти мубориза бо коррупсия бо дарназардошти таҳқиқотҳои сотсиологӣ, таҷрибаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишварҳои дигар ва таҳлили омории вазъи коррупсия тайи давраи сипаригашта дар ҷумҳурӣ ҳалли худро ёфтанд.

---

[5] Шарифзода Ш.М. Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон; рисолаи илмӣ; Душанбе -2022. Саҳ. 54.

Дар доираи стратегияҳои зикргардида масъалаҳои самарабахшии мубориза бо коррупсия ва оғози саривақтӣ ва гузаронидани таҳқику тафтишоти парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои коррупсионӣ, мансубияти ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, механизми муносиби идоракунӣ ва таъмини шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботдиҳии молиявӣ, ба таври электронӣ ва ба воситаи бонк ҷорӣ намудани пардохти хизматрасониҳои муассисаҳои давлатӣ ва дигар тадбирҳои пешбинигардида дар кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва андоз танзими худро ёфтаанд.

Ҳамзамон бо назардошти рушд ёфтани шаклҳои нави ҷинояткорӣ, дар якҷоягӣ бо заминаи қонунгузории дар боло зикршуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияҳоро оид ба сиёсати ҳуқуқӣ аз ҷиҳати миқёси паҳншавии ҷиноятҳои коррупсионӣ[6], дар робита ба баланд бардоштани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳои коррупсионӣ қабул намудааст.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки қабул карда мешаванд, ҳатман барои бечуну чаро иҷро гардидани он ҳама бояд саҳмгузор бошанд ва дар ҳамин ҳолат эҳтирому нуфӯзи он баланд мешавад. Чӣ тавре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми апрели соли 2007 қайд намуданд, «Дар раванди созмон додани ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши қонун, эҳтиром ва риояи он ниҳоят бузург аст. Қонун бояд меъёри муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, фаъолияти ташкилоту муассисаҳо ва воситаҳои танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа бошад».[7]

Дар қонунгузории давлатҳои алоҳида, аз он ҷумла Тоҷикистон коррупсия ба маъноҳои гуногун истифода мешавад. Чунончӣ, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ки аввалин маротиба 10 – уми декабри соли 1999 қабул гардид, мафҳуми коррупсия ба таври зайл оварда шуда буд: «Коррупсия ҳаракати (беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда, ки истифодаи мақоми худ ва имкониятҳои онро барои ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва неъмату имтиёзҳои дигари пешбинӣ накардаи қонунро равона мекунанд, инчунин ба онҳо ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъмату имтиёзҳои мазкур аз ҷониби шахсони воқеию ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад»[8].

---

[6] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи «Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018–2028» аз 06 феврали соли 2018, №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат: 12.11.2020).
[7] Эмомалӣ Раҳмон. Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2007.
[8] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бо коррупсия” аз 10 декабри соли 1999, №12.

Баъдан бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2005 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мафҳуми коррупсия саҳеҳ шарҳ дода шудааст ва мутобиқи он «Коррупсия – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд[9].

Қонуни охирини зиддикоррупсионии дар соли 2020 қабулгардида мафҳуми коррупсияро содда ва омафаҳм намуда, дар шакали зайл ифода кардааст, "Коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ"[10].

Ғайр аз ин, дар қонуни мазкур калимаҳои "мубориза ба коррупсия" ба калимаҳои "муқовимат ба коррупсия" иваз карда шуда, он фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсиониро ифода менамояд.

Дар ин қонун аз мафҳуми коррупсия чунин бармеояд, ки субъекти ҷиноятҳои коррупсионӣ шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё аз имкониятҳои ҷойдошта истифода намуда, ғайриқонунӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашударо ба манфиати

[9] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бо коррупсия" аз 10 июли соли 2005, №100.

[10] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат): 16.08.2020

шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» - субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд инҳо мебошанд:

- шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, яъне шахсе, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус мансабҳои давлатии ҳокимияти давлатӣ ё мансабҳои давлатии хизмати давлатиро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд;

- шахси мансабдори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ба он баробаркардашуда (шахсе, ки бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати номзад ба ишғоли мансабҳои давлатии интихобӣ ё узви мақомоти интихоботии давлатӣ ба қайд гирифта шудааст, шахсони мансабдори субъектҳои хоҷагидори давлатӣ, субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, шахсони мансабдори ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои онҳо, ки бо мақомоти давлатӣ, шахси мансабдор, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибат доранд);

- шахсе, ки хизматрасониҳои давлатиро амалӣ менамояд, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;[11]

Номгӯйи ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ҷавобгарӣ ба он дар боби чоруми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» пешбинӣ шудаанд. Бояд гуфт, ки дар моддаҳои 24 ва 25 Қонуни мазкур ҳуқуқвайронкуниҳое, ки хусусияти коррупсионӣ доранду боиси ба ҷавобгарии интизомӣ ё маъмурӣ кашидани шахс мегарданд, аз рӯи хусусият ва дараҷаи ба ҷомеа хавфнокиашон бо қонунгузории меҳнат, гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ муайян карда мешавад.

Аммо ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар қонун мушаххас пешбинӣ нашуда, қонунгузор чораҳои пешгирӣ ва муқовимат бо коррупсияро ба зиммаи субъектҳои муқовимат ба коррупсия ҳавола кардааст.

Субъектони бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва ваколатҳои онҳо дар моддаҳои 8 ва 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" пешбинӣ гардида, фаъолияти онҳо бо роҳи андешидани чораҳои пешгирӣ ва ошкор кардани ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд амалӣ карда мешавад, ки чунин кирдорҳо дар меъёрҳои

[11] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714.

алоҳидаи қисми махусуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Бояд қайд намоем, ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади меъёрии ҳуқуқие эътироф мешавад, ки ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноӣ будани онро муайян менамояд. Дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои муҳими ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда бо ифодаи онҳо дар фаслу бобҳо, муқаррар гардидаанд. Аммо мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва таснифи онҳо дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" пешбинӣ нагардидааст.

Мафҳуми ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" аз 25 – уми июли соли 2005, №100 қаблан оварда шуда буд, ки тибқи он ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, кирдорҳои дар қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардидае ҳисоб мешуданд, ки аз тарафи шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ва ба онҳо баробар кардашуда бо ғараз ё дигар манфиатҳои шахсӣ ва бо истифодаи мақоми хизматӣ содир шудаанд ё ба ғайриқонунӣ пешниҳод намудани неъматҳои моддиву ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигар ба онҳо вобастаанд.

Ҷиноятҳои коррупсионӣ аслан тибқи "Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006 №414 тасдиқ гардида буд, амал менамуд. Минбаъд аз 25 октябри соли 2022, №506 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд" тасдиқ гардид, ки он аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд.

Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд қоидаҳои таҳия ва пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба натиҷаҳои назорати прокурории амалисозӣ ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия", фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба баррасии муроҷиатҳо ва маълумот дар бораи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, категорияҳои шахсони чунин ҷиноятҳоро содирнамуда, натиҷаи баррасии судии чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва категорияҳои шахсони барои содиркунии чунин ҷиноятҳо маҳкумшуда, инчунин тартиби баҳисобгирӣ ва пешбурди ҳисоботи омории ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, шахсони онҳоро содирнамуда ва феҳристи чунин ҳуқуқвайронкуниҳоро муайян менамояд. Тартиби мазкур ба

ҳуқуқвайронкуниҳои интизомӣ ва граждании ба коррупсия алоқаманд татбиқ намегардад.

Тибқи тартиби мазкур субъектҳои баҳисобгирандаи ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта инҳо мебошанд:

- Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мақомоти давлатии дигаре, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколати ошкор намудани ҷиноятҳо ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидоштаро доранд[12].

Чи тавре, ки дар боло қайд намудем, оид ба феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фасл ё боби махсуси ба ҷиноятҳои коррупсионӣ бахшидашуда маҷуд нест. Ин ҷиноятҳо дар таркиби фаслу бобҳои гуногуни Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

Муайян намудани доираи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо дарназардошти мавҷудияти нишонаҳои коррупсия дар кирдори мушаххас анҷом дода мешавад. Ба гурӯҳи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта моддаҳои зерини бобҳои 26, 27, 30, 32 ва 33 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд:

1) ба шарте ки агар ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд:

- моддаи 245 "Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ" (банди "г" қ. 2, қ.қ. 3 ва 4);
- моддаи 246 "Тасарруфи пулу моли ба тариқи кредит додашуда";
- моддаи 247 "Қаллобӣ" (банди "г" қисми 2, қисмҳои 3 ва 4);
- моддаи 265 "Ғайриқонунӣ додани кредит";
- моддаи 268 "Ғайриқонунӣ истифода бурдани маблағ";
- моддаи 269 "Ҳаракати ғайриқонунӣ ҳангоми муфлисшавӣ";

---

[12] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи “Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд” аз 25 октябри соли 2022, №506.

- моддаи 270 "Муфлисии бадқасдона";
- моддаи 271 "Муфлисии сохта";
- моддаи 273 "Кирдори инҳисорӣ (монополистӣ) ва маҳдуд кардани рақобат" (банди "в" қисми 3);
- моддаи 274 "Барқасдона вайрон кардани қоидаҳои нархгузорӣ, баргузории савдои оммавӣ ё тендер ё музоядаҳо (аукцион)";
- моддаи 278 "Ифшои сирри тиҷоратӣ ё бонкӣ";
- моддаи 279 "Ришвадиҳии тиҷоратӣ";
- моддаи 280 "Ришвадиҳӣ ба иштирокчиён ё ташкилотчиёни мусобиқаҳои касбии варзишӣ ва озмунҳои намоишии тиҷоратӣ";
- моддаи 287 "Аз хориҷа барнагардонидани воситаҳо бо асъори хориҷӣ";
- моддаи 289 "Қочоқ" (банди "б" қисми 4, ба шарте ки агар ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд, қисми 5 агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад);
- моддаи 318 "Иштироки ғайриқонунӣ дар фаъолияти соҳибкорӣ";
- моддаи 319 "Гирифтани пора";
- моддаи 320 "Додани пора";
- моддаи 321 "Иғвои порадиҳӣ";
- моддаи 323 "Сохтакории хизматӣ";
- моддаи 323(1) "Ғайриқонунӣ додани шиносномаи шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин ба ҳуҷҷатҳое, ки барои гирифтани шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошанд, ворид намудани маълумоти баръало бардурӯғ";
- моддаи 324 "Гирифтани мукофот бо роҳи тамаъҷӯӣ";
- моддаи 325 "Додани мукофот ба хизматчӣ";
- моддаи 326 "Ғайриқонунӣ иҷозат додан ба гирифта гаштан ва нигоҳдории силоҳи оташфишон";
- моддаи 327 "Ғайриқонунӣ нигоҳ доштани муҳофизони шахсӣ ва истифодаи техникаи ҷангӣ бо ҳамин мақсад";
- моддаи 338(1) "Ғайриқонунӣ додани қитъаи замин";
- моддаи 340(1) "Сохтакорона тайёр кардан, ба муомилот баровардани маркаҳои боҷи аксизӣ, маркаҳои махсус ё аломатҳои мутобиқат ва ё истифодаи онҳо";
- моддаи 345 "Монеъ шудан ба татбиқи адолати судӣ, таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ" (қисми 3);

2) агар ин кирдорҳо аз ҷониби роҳбари корхона, муассиса ва ташкилоти дигар, сарфи назар аз шакли моликият содир шуда бошад:
- моддаи 257 "Тасарруфи воситаҳои фондҳои кумаки хориҷӣ";
- моддаи 258 "Монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ";

- моддаи 259 "Соҳибкории ғайриқонунӣ";
- моддаи 259(1) "Истеҳсол, ба даст овардан, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл ё ба муомилот баровардани мол ва маҳсулоти тамғаношуда";
- моддаи 260 "Ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) ғайриқонунии шахси ҳуқуқӣ";
- моддаи 260(1) "Истифодаи ғайриқонунии ҳуҷҷатҳо барои ташкили (таъсиси, азнавташкилдиҳии) шахси ҳуқуқӣ";
- моддаи 261 "Бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин";
- моддаи 262 "Қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда";
- моддаи 264 "Ғайриқонунӣ гирифтани кредит";
3) агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд:
- моддаи 291 "Саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ" (банди "б" қисми 2);
- моддаи 292 "Саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ";
- моддаи 293 "Саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андозҳо ва (ё) пардохтҳо";
- моддаи 295 "Сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби кормандони ташкилотҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо";
- моддаи 296 "Сӯиистифодаи ваколат аз ҷониби аудиторҳо, судяҳои ҳакамӣ ё арбитрҳои арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ";
- моддаи 314 "Сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ";
- моддаи 315 "Беамалӣ дар иҷрои вазифа";
- моддаи 316 "Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ";
- моддаи 317 "Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор";
4) агар ин кирдорҳо аз ҷониби субъекти ҷинояти хусусияти коррупсионӣ содир шуда бошад:
- моддаи 348 "Дидаю дониста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси бегуноҳ";
- моддаи 349 "Дидаю дониста ғайриқонунӣ баровардани ҳукм, ҳалнома ё дигар актҳои судӣ";
- моддаи 359 "Сохтакории далелҳо" (қисмҳои 2 ва 3);
5) агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд:
- моддаи 360 "Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ";
- моддаи 363 "Иҷро накардани ҳукми суд, ҳалномаи суд ё санади дигари судӣ";
- моддаи 391 "Сӯиистеъмоли ҳокимият ё мақоми хизматӣ, аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ ва хизматӣ баромадан ё бефаъолиятии ҳокимият"[13].

---

[13] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи "Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд" аз 25 октябри соли 2022, №506.

Зимни ҳалли масъалаи ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба ҳисобот дохилкунии онҳо бояд мавқеи мансабии шахс, ваколатҳои ӯ, амалҳои ғайриқонуни иҷронамудаи ӯ ба манфиати худ ва дигарон, инчунин аломатҳои дигари таркиби ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ ба назар гирифта шаванд.

Бояд дар назар дошт, ки баъзе ҷиноятҳои дар боло номбурда аз ҷумла: "Баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансабӣ" (моддаи 316), "Соҳибӣ кардани ваколати шахси мансабдор" (моддаи 317), "Сохтакории далелҳои парвандаи ҷиноятӣ аз ҷониби шахси таҳқиқи ибтидоӣ гузаронанда, муфаттиш, прокурор ё ҳимоятгар" (қисмҳои 2 ва 3 моддаи 359 ) ва "Ғайриқонунӣ озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ" (моддаи 360) дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, на ҳамеша хусусияти коррупсионӣ дошта метавонанд.

Дар моддаи 161 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеияти тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ муқаррар гардидааст, ки ба тобеияти тафтишоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 52 номгӯи ҷиноятҳо вобаста мебошанд, ки онҳо ҳамчун хусусияти коррупсиондошта эътироф шуда бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд, аз тарафи муфаттишони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тафтиш қарор дода мешаванд.

Мувофиқи банди 7, моддаи 161-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тобеияти тафтишотии парвандаҳои ҷиноятиро муқаррар кардааст: Тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳое, ки дар моддаи 245 қисми 2 банди «г», қисмҳои 3 ва 4, моддаҳои 246, 247 қисми 2 банди «г», қисмҳои 3 ва 4 ба шарте, ки ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошанд, моддаҳои 257, 258, 259, $259^{1}$, 260, $260^{1}$, 261, 262, 264, агар ин кирдор аз ҷониби роҳбари корхона, муассиса ва ташкилоти дигар қатъи назар аз шакли моликият содир шуда бошад, моддаҳои 265, 268, 269, 270, 271, моддаи 273 қисми 3 банди «в», ба шарте ин кирдорҳо бо истифодаи ваколати мансабӣ содир шуда бошад, моддаҳои 274, 278, 279, 280, 287, моддаи 289 қисми 3 банди «б», агар ин кирдор бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ содир шуда бошад, қисми 4, агар дар гурӯҳи муташаккил субъекти ҷинояти коррупсионӣ иштирок дошта бошад, моддаи 291 қисми 2 банди «б», моддаҳои 292, 293, 295, 296, 314 -317, агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта бошанд, моддаҳои 318 - 321, 323 - 327, $338^{1}$, $340^{1}$, 345 қисми 3, агар ин кирдорҳо бо истифодаи ваколатҳои мансабӣ содир шуда бошанд, моддаҳои 348, 349, 359 қисмҳои 2 ва 3, ба шарте, ки ин кирдорҳо аз ҷониби субъекти ҷинояти хусусияти коррупсионидошта содир шуда бошанд, моддаҳои 360, 363 ва 391, агар ин кирдорҳо хусусияти коррупсионӣ дошта

бошанд, аз тарафи муфаттишони мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад.

Тафтиши пешакии парвандаҳо дар ҳаққӣ судяҳо, прокурорҳо, муфаттишон, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (аз ҷумла кормандони мақомоти мубориза бо коррупсия), оид ба ҷиноятҳое, ки дар ҳамин қисм пешбинӣ шудаанд, аз тарафи муфаттишони мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад. Дар ҳолати аз тарафи мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия ошкор намудани ҷиноятҳои дар ҳамин қисм пешбинигардида, ки аз ҷониби хизматчиёни ҳарбӣ, инчунин ӯҳдадорони ҳарбии ба ҷамъомади ҳарбӣ даъват кардашуда содир гардида бошанд, тафтиши пешакии парвандаҳо аз тарафи муфаттишони ҳамин мақомот бурда мешавад.

Тафтиши пешакии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои дигар пешбининамуда дар моддаҳои 143 - 164, 244 – 297 - и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо тафтиши парванда оид ба ҷиноятҳои дар қисми 7 моддаи мазкур пешбинигардида алоқаманд мебошанд, аз тарафи муфаттишони мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия гузаронида мешавад[14].

Объекти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта – муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки дар вақти содир намудани ҷиноят ба фаъолияти муътадил ва бо қонуну дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимшудаи мақомоти давлатӣ, мақомоти худидораи маҳаллӣ, Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар муассисаҳои давлати, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, давлат ва ҷамъият зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарарҳоро ба миён меоранд, эътироф мешавад.

Тарафи объективии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта – истифода бурдани вазъи хизматӣ ё имкониятҳои он бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ, эътироф мешаванд.

Тарафи субъективии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро гуноҳ дар шакли қасд ташкил медиҳад ва онҳо аз рӯи ғараз ё дигар манфиатдории шахсӣ содир карда мешаванд.

[14] Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе. С. 60. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj/system/files/Legislation/1714_tj.pdf (санаи муроҷиат): 01.11.2023.

Субъекти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта - шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин шахсоне мебошанд, ки ба шахсони барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда ғайриқонунӣ неъматҳои моддӣ ва ғайримоддиро ваъда, таклиф ё пешниҳод менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия заминаи қонунӣ-ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шуда, он бо суръати тез мукаммал мегардад.

Манбаи асосии қонунгузории зиддикоррупсионӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки меъёрҳои бевосита ба пешгирии коррупсия нигаронидашуда (принсипи тақсими ҳокимиятҳо, манъи ишғол кардани вазифаи дигар аз ҷониби шахсони вазифаҳои баланди давлатидошта, аъзои ҳукумат, судяҳо ва прокурорҳо ва машғул шудани онҳо бо фаъолияти соҳибкорӣ) дорад.

Тавре дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» қайд мегардад: қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат бо коррупсия ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст[15]. Аммо, агар ба матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 қабул шудааст, назар намоем, истилоҳи «коррупсия» дар он дида намешавад. Бо вуҷуди ин, тибқи Конститутсия давлат ба ҳар кас, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад (м. 17). Гузашта аз ин, тибқи моддаи 5 Конститутсия, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд[16]. Бинобар ин, моҳияти ин меъёри санади олии қонунгузории мамлакат, шаҳодати ба Конститутсия асос ёфтани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»–ро тасдиқ менамояд.

Яке аз омилҳои муҳиме, ки монеи татбиқи ҳуқуқҳои қонунии дар Конститутсия пешбинишудаи шаҳрвандон мегарданд, бюрократия дар хизмати давлатӣ ва ҷиноятҳои коррупсионӣ дар ҳама зуҳуроти он мебошанд. Аз ин рӯ, давлат вазифаи худро оид ба таъмини шаҳрвандон бо ҳуқуқ ва озодиҳои асосӣ иҷро намуда, зарур аст, ки муқовимат бо коррупсияро боз ҳам тақвият бахшад.

---

[15] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, №1714.

[16] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2013 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016.

Мусаллам аст, ки заминаи асосии ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» мебошад. Қонуни мазкур муқовимат ба коррупсияро ҳамчун фаъолияти субъектҳои муқовиматбаранда дар ҳолатҳои зерин муайян намудааст:

– дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд;

– ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои бо коррупсия алоқаманд;

– бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ.

Қонун принсипҳои асосии мубориза бо коррупсияро муайян намуда, заминаи ҳуқуқӣ ва ташкилии чораҳои пешгирии коррупсия, самтҳои асосии фаъолият оид ба баланд бардоштани самаранокии муқовимат ва ғайраро дар бар мегирад.

Аз тарафи дигар бояд қайд намоем, ки рӯйхати сарчашмаҳои дар қонуни мазкур овардашуда ба пуррагӣ дарҷ нагардидаанд, зеро санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла КҶ ҶТ ва КМҶ ҶТ, санадҳои меъёрӣ–ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии дигар мақомотҳои давлатӣ, инчунин заминаи умумии ҳуқуқии мубориза бо коррупсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Бинобар ин, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020, таҳти №1714 илова намудани санадҳои қайдгардида ба рӯйхат ба мақсад мувофиқ мебошанд.

Маҷмуи меъёрҳои (қонунҳои) гуногуни ҳуқуқӣ бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

– ташкили пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар тамоми соҳаҳои танзимшавандаи қонун;

– маҳдуд кардани имкониятҳое, ки ба коррупсия мусоидат мекунанд;

– кам кардани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни коррупсия;

– зиёд кардани эҳтимолияти ошкор намудани амалҳои коррупсионӣ ва ногузирии ҷазои ҷиноятӣ;

– таъсир ба ангезаи рафтори коррупсионии «додан» ва «гирандагон»;

– ташаккули афкори ҷамъиятӣ, таҳаммулнопазирӣ ба коррупсия дар ҳама шаклҳои зоҳиршавии он.

***Шарифзода Шарифбек Мурод***
***Сардори шуъбаи ҳуқуқи Палатаи ҳисоб***
***Номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ***